# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба кори диссертатсионии Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дар мавзуи «Шароити педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ (дар мисоли фанни химия)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, пешниҳод шудааст.

**Парвандаи аттестатсионии №____________**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 30 сентябри соли 2022, № 4.3 «Оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич»**

Диссертатсияи Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дар мавзуи «Шароити педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ (дар мисоли фанни химия)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот бо қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 24 июни соли 2022, №4.1 ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич 21.01.1983 таваллуд шуда, соли 2006 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯи ихтисоси химия бо дипломи аъло хатм намудааст (диплом ТСИ №0002509).

Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич аз соли 2012 ҳангоми ба ҳайси ассистенти кафедраи химия фаъолият кардан ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул гардида, фаъолияи унвонҷӯии худро бо фармоиши №274 аз 30.12.2020 дар кафедраи химия ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба қайд гирифтааст.

Фаъолияти кории худро аз соли 2006 дар вазифаи ассистенти кафедраи химияи факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оғоз намудааст. Солҳои 2006-2014 ба ҳайси ассистенти кафедра, солҳои 2014-2017 мудири кафедраи химияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, солҳои 2017-2019 декани факултети химия, биология ва географияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, солҳои 2019-2021 мудири кафедраи химия ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, аз моҳи октябри соли

2021 то ин ҷониб ба ҳайси саромӯзгори кафедраи мазкур фаъолият карда истодааст.

Мавзуи рисолаи номзадии худро аз 29.01.2019, №6 дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ зери роҳбарии д.и.п., профессор Холназаров Санг тасдиқ намуда, ба таҳияи рисолаи номзадӣ машғул гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 17 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз ин шумора 7-тоашро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ташкил медиҳанд.

Бобоев Б.Ҷ. муҳокимаи даври аввалро санаи 20.01. 2022, №6 дар ҷаласаи васеи кафедраи химия ва методикаи таълими он гузаронида, муҳокимаи даври дуюми диссератсияро дар ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети химия, биология ва география аз 25.04.2022, №9 гузаштааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Бобоев Б.Ҷ. имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм дар таърихи 02.07.2018 бо баҳои хуб, аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) дар таърихи 02.07.2019 бо баҳои аъло ва Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дар таърихи 19.10 2020 бо баҳои хуб супоридааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадиро Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи Таҳсилоти Тоҷикистон аз 10.11.2020, №683 додааст.

Шурои диссертатсонӣ дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ аз 08.07.2022, суратҷаласаи №4.2. диссертатсияро барои ҳимоя иҷозат додааст.

Эълон оид ба рӯзи ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат тибқи муқаррарот дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 14.07.2022 ҷой дода шудааст.

Автореферати диссертатсия тибқи феҳрист 22 августи соли 2022 ирсол гардидааст.

Автореферати диссертатсия аз низоми Антиплагиат гузаронида шудааст, ки аслияти матн 96,75% -ро ташкил медиҳад.

Тақризҳо ба диссертатсия ва автореферат дар муҳлати муайяншуда ворид шуда, дар сомонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷой дода шудаанд.

Ҳуҷҷатҳои аз тарафи унвонҷӯ ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳодшуда тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шуда, дар парвандаи аттестатсионии унвонҷӯ маҳфузанд.

**Роҳбари илмӣ:** Холназаров Санг – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

**Муқарризони расмӣ:**

**Нугмонов Мансур**– узви вобастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, профессори кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва **Набиев Ҷурабек Ғаниевич**– номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогика ва таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии Данғара ба диссертатсияи Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич баҳои мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** –Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич бо имзои раиси ҷаласаи васеи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика, д.и.п., профессор Қодиров Каримҷон Барфакович ва ташхисгар, н.и.п., дотсент Худойқулова Қизралгул Ҷурақуловна дар ҷаласаи васеи кафедра аз 31-уми августи соли 2022 протоколи №1 ва бо имзои ректори донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт аз 2-юми сентябри соли 2022, тасдиқ шудааст.

Мазмуни тақриз мусбат буда, дар он мубрамияти мавзуъ, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он ва инчунин саҳми худи муаллиф зикр гардидааст.

Аз тақризи муассисаи пешбар бармеояд, ки дар рисола дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе нуқсонҳои зерин ба назар мерасанд, киислоҳи минбаъдаи онҳо боиси боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати пажӯҳишҳои оянда хоҳад буд:

1. Дар диссертатсия ва автореферат баъзан ба хатогиҳои услубӣ ва имлоӣ роҳ дода шудааст.
2. Дар боби аввали зербоби сеюм иқтибосҳо кам ба назар мерасанд.
3. Мувофиқи мақсад мешуморем, ки диссертант мебоист ҳар чи бештар аз таҳқиқотҳои илмии олимони ватанӣ истифода менамуд.

Камбудиҳои зикргардида ба қимати баланди таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсир намерасонанд.

Муассисаи пешбар дар хулосаи тақризи худ таъкид кардааст, ки диссертатсия кори таҳқиқотии пурра ва мустақилона анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаҳои илмӣ пурра мувофиқ мебошад ва муаллифи он Бобоев Б.Ҷ. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

**7 номгӯйи мақолаҳои илмии** зерини унвонҷӯ оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати маориф

ва илми Федератсияи Россия тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

1. ***Бобоев, Б.Ҷ.*** Фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни химия (заминавӣ) дар асоси ташаккули заминаҳои ахлоқӣ [Матн] / Б.Ҷ. Бобоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. - 2017. - №1/3(47). - С.167-171. - ISSN 2309-6764.

2. ***Бобоев, Б.Ҷ.*** Ягонагии мафҳумҳои фаъолияти маърифатӣ ва фаъолнокии донишҷӯён дар педагогика [Матн] / Б.Ҷ. Бобоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. - 2017. - №1/4(49). - С.105-109. - ISSN 2309-6764.

3. ***Бобоев, Б.Ҷ.*** Шартҳои педагогии фаъолнокии таълимӣ-маърифатии донишҷӯён [Матн] / Б.Ҷ. Бобоев, С. Холназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2017. - №3/6(49). - С.296-300. - ISSN 2074-1847.

4. ***Бобоев, Б.Ҷ.*** Меъёр ва сатҳи инкишофи фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар раванди таълим [Матн] / Б.Ҷ. Бобоев, С. Холназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2017. - №3/7. - С.205-208. - ISSN 2074-1847.

5. ***Бобоев, Б.Ҷ.*** Кори мустақилона – омили муҳими фаъолгардонии дониш [Матн] / Б.Ҷ. Бобоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2019. - №5. - С.277-280. - ISSN 2074-1847.

6. ***Бобоев, Б.Ҷ.*** Методҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ доир ба санҷишӣ муваффақиятнокии шароитҳои педагогии фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён [Матн] / Б.Ҷ. Бобоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2019. - №6. - С.256-259. - ISSN 2074-1847.

7. ***Бобоев, Б.Ҷ.*** Ташаккули мустақилият ва фаъолияти эҷодии хонандагон ва донишҷӯён дар раванди таълими химия [Матн] / Б.Ҷ. Бобоев, М.Д. Уроқов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2022. - №6. - С.276-283. - ISSN 2074-1847.

**Ба автореферати диссертатсия 5 тақриз аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:**

1. Файзализода Бахрулло Файзалӣ – доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

2. Сафарзода Даврон Ҷурахон – номзади илмҳои педагогӣ, ноиби ректор оид ба таълими Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3. Туронов Султонмурод Шарофович. - номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ;

4. Кучаров Маҳмадамин Сатторович- номзади илмҳои техникӣ, и.в. дотсенти кафедраи химияи умумӣ ва таҳлилии ДТМИК;

5. Ғафуров Бобомурод- д.и.х., дотсент, мудири кафедраи химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии тибби Хатлон;

Ҳамаи муқарризони автореферати Бобоев Б.Ҷ. дар тақризи худ мубрамии таҳқиқот ва арзиши илмии онро тасдиқ намуда, ба мазмуни кори илмӣ баҳои мусбӣ доданд.

Ҳамаи муқарризоне, ки тақризҳои худро ба автореферати Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич пешниҳод намуданд, қайд менамоянд, ки ин таҳқиқот мубрам буда, дорои арзиши амалӣ мебошад ва сарфи назар аз баъзе камбудиҳо довталаби дараҷаи илмӣ Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот арзанда мебошад.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар** дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002, аз 8-уми июли соли 2022, №4.2 тибқи банди 61 Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро гардидаанд:**

***Навгонии илмии таҳқиқот:***

1. Дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳо самтҳои илмӣ, эҷодӣ, таҷрибавӣ-озмоишӣ ва психологӣ-педагогӣ нишон дода шуд, ки самарабахшии маърифатӣ дар фаъолият ифодашаванда мебошад. Ҳамчунин сифати шахсияти донишҷӯ, тарзи худифодакунонӣ пеш аз ҳама дар ҷараёни таълим ба вуҷуд оварда мешаванд.

2. Рушди фаъолшавӣ дар донишҷӯён, ин рушди тафаккури назариявӣ, ташаккулёбии қобилият ва малакаҳо оид ба азхудкунонии донишҳои нав ва тарзҳои қабули онҳо, ташаккулёбии муносибатҳои мусбиаш ҷиҳати донишандӯзӣ ва роҳҳои фарогирии онҳо ба шумор меравад. Бинобар ин ваҷҳҳо, тағйирот дар хусусиятҳои фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар се самт пешкаш мегарданд: ваҷҳнокӣ, мундариҷавӣ ва иҷрои амалӣ.

Шароити самарабахш намудани фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни факултети химия ва биология, ки дар давраи омӯзиши фанҳои химиявӣ муайян шуда буд, аз далелҳои зерин иборат мебошанд:

– қобилияти омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар идоракунонии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён;

– ҷалб намудани донишҷӯён дар ҳамаи давраҳои (марҳилаҳои) таълим ба шаклҳои гуногуни фаъолияти мустақилу фаъолшавӣ;

– дар ҷараёни таълим бояд қобилияти фардии донишҷӯён ба назар гирифта шавад;

– истифодабарии эҷодии супоришҳо ва вазифаҳои химиявӣ дар раванди таълим.

***Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:***

1. Методологияи муносибатҳои эҷодӣ, методикаи таълими умумӣ, исботшавандагии натиҷаҳои таҳқиқот, маълумоти бадастовардашудаи озмоишӣ, таҳлили шуморавӣ ва сифатнокӣ, коркарди натиҷаҳои озмоиш тавассути усули математикӣ, оморӣ ва ғайраҳо.

2. Методикаи ташаккулёбии фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ дар донишҷӯён, ки ба кори эҷодӣ ва мустақилона, донишҳои асосӣ равона карда шудааст, ки дар омода намудани мутахассисон мавқеи асосиро ишғол менамояд.

3. Шароитҳои педагогӣ оид ба рушди фаъолияти таълимӣ дар давраи омӯзиши фанни химия.

***Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот:***

1. Самти илмӣ-амалӣ оид ба самарабахш гардонидани фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод гардид.

2. Шароити педагогие, ки дар баланд бардоштани муваффақиятнокии раванди рушди фаъолияти донишҷӯён дар давраи омӯзиши фанҳои асосии химия имкон медиҳанд, муайян шуда буд.

3. Коркарди методӣ ва тарзи ба вуҷуд овардани барномаҳои машқҳои тағйирёбанда, ки ба фаъолияти самарабахши донишҷӯён дар дарсҳои беруназсинфӣ мусоидат менамояд, муайян шуда буд.

***Асосҳои назариявии таҳқиқотро*** назарияи дониш ва маърифат ташкил мекунанд; таълим дар бораи алоқаҳои умумӣ ва таъсири байниҳамдигарии фанҳо ва мавҷудоту ҳодисоти воқеӣ; назарияи психологӣ-педагогии фаъолияти С.Л. Рубинштейн, Л.Н. Леонтев, Н.Ф. Тользина, П.Я. Галперин ва ғайраҳо; таҳқиқоти муосир дар самти ташкили фаъолияти мустақили донишҷӯён Т.И. Шамова, А.В. Усова, П.И. Пидкасистый, Б.П. Есипов ва ғайраҳо; рушд ва ташкили самарабахшии фаъолияти эҷодӣ ва ҷустуҷӯӣ-маърифатӣ Б.И. Коротяев, В.И. Разумовский, В.Г. Рындак, Н.М. Яковлева ва дигарон, кор оид ба рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон А.Ф. Эсаулов, Т.В. Кудрявтсев, Р.А. Низомов, В.Н. Артамонов ва ғайраҳо, назария ва методикаи таҳқиқоти педагогӣ М.Н. Скаткин, В.П. Беспалко, Ю.К. Бабанский ва ғайраҳо таҳқиқоти олимони ватанӣ М. Лутфуллоев, Қ.Б. Қодиров, Ф. Шарифзода, Ҷ. Шарифзода, С. Холназаров ва дигарон.

***Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот*** бо методологияи муносибати эҷодӣ, методикаи таълими ҷамъӣ, исботнокии натиҷаҳои таҳқиқот, маълумоти аз ҷиҳати озмоишӣ бадастомада, таҳлили микдорӣ

ва сифатӣ, коркарди натиҷаҳои озмоиш, методҳои математикӣ, оморӣ ва ғайра таъмин шудааст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин нишон доданд:

***Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот*** дар коркарди паҳлуҳои муҳимми мушкилоти таҳқиқ, таҳлил ва омӯзиши таҷрибаи таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ.

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа аз 30 сентябри соли 2022, №4.3 қарор қабул кард, ки ба Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 15 нафар, аз онҳо 4 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

- тарафдори додани дараҷаи илмӣ – 15 нафар,
- муқобили додани дараҷаи илмӣ - нест,
- бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-002 дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор: Миралиизода А.М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-002, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: Рафиев С.А.

30.09.2022

ҶМ